# 82786 - Малак (фаришта) ном гузоштан макрӯҳ аст

## савол

Аллоҳ ба мо духтаре ато кард ва мо ӯро Малак (фаришта) ном ниҳодем. Оё кароҳияте дар гузоштани ин ном вуҷуд дорад? Ҳукми шариъат дар ин бора чист?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Гузоштани номи Малак ё Малаак макрӯҳ аст ва бояд аз ин ном дурӣ намуда ва онро ба номи хубе, ки аз нигоҳи шариъат дар он кароҳияте нест, иваз кард.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) оиди гузоштани номҳои Аброр, Малаак, Имон ва Ҷибрил пурсида шуд.

Дар ҷавоб гуфт: Номҳои Аброр, Малаак, Имон ва Ҷибрил набояд гузошта шаванд. Поёни сухан аз китоби "Маҷмӯу Фатово"-и Шайх Ибни Усаймин (3/67).

Шайх Абдураҳмон Ал-Баррок (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) дар мавриди духтарро Малаак ном гузоштан пурсида шуд, дар ҷавоб гуфт: Ин номро нагузоштан бо ду сабаб беҳтар аст:

1. Мақсад аз Малаак, Малак (مَلَك) [фаришта] аст. Дар ин ном муболиғаест оиди касе, ки ба ӯ ин ном гузошта шудааст.

2. Ин ном дар назди насоро машҳур аст. Онҳо калимаи малак (مَلَك)-ро малаак (مَلاَك) талаффуз мекунанд. Номҳои некӯе, ки дар он шубҳае нест, хеле зиёданд. Бояд ин номҳо ба ҷои номҳое, ки ишкол ё шубҳае доранд, истифода шаванд.   Поёни сухан.

Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (11228) нигаред.

Шайх Бакр ибни Абдуллоҳ Абузайд (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) гуфтааст:

Ва дар мавриди номгузории занон бо номҳои фариштагон, ин ба назар мерасад, ки ин ҳаром аст, зеро дар он монандӣ ба мушрикон аст, ки фариштагонро духтарони Аллоҳ меҳисобиданд. Аллоҳ аз он суханҳое, ки мегӯянд, пок аст. Чизе, ки ба ин наздик аст, ба духтар Малаак, Малака, Малак ном ниҳодан. Поёни сухан аз китоби "Мӯъҷаму-л-маноҳи-л-лафзия" саҳ: 565.

Бинобар ин, бояд барои иваз кардани ин ном кӯшиш намоӣ, агар битавонӣ.

Аллоҳ донотар аст.